# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи "Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова М.Р. -раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷомамадов Ш.Б. - аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегматов А.А. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Азимова Муқадасхон Мухамедовна хулосаи зеринро қабул намуд:

*I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Азимова Муқадасхон Мухамедовна ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Азимова Муқадасхон Мухамедовна, 18-уми июли соли 1969 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2009 Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2014 бо фармоиши №8 аз 30 апрели соли 2014 то санаи 30.04.2019 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 1999-2013 вазифаи коргузори кафедраи маркетинг–агробизнеси ДДҲБСТ - ро ба ӯҳда дошт.

Аз сентябри соли 2013 то соли 2020 ба ҳайси омӯзгори кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ фаъолият намуда, аз ноябри соли 2020 то ҳол ҳамчун муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият мебарад.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар ҷаласаи

Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли соли 2014, суратҷаласаи № 8 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Мирсаидов С.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад.Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 3 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

*V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи "Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Шаропов Фарҳодҷон Разоқович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Ойматов Бахтиёр Шорахматович - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Кошонова М.Р.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Ҷомамадов Ш.Б

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Бегматов А.А.

Дурустии имзоҳои аъзоёни комиссияро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва корҳои
махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ